Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
__________ Мирализода А.М.
«_27_»____________соли 2020

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбари тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи номзадии Садриддини Айниддин дар мавзӯи «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Садриддини Айниддин дар мавзӯи «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён» 26 ноябри соли 2020 дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ чун муассисаи пешбар баррасӣ гардида, тақриз бо натиҷагириҳои зерин дода шуд:

Диссертатсияи номзадии Садриддини Айниддин дар мавзӯи «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён», ки барои ҳимоя пешниҳод гардидааст, ба фаъолияти сиёсӣ ва шахсияти сиёсатмадори маъруфи асрҳои миёна – Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ, маъруф ба Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ бахшида шудааст, ки дар ташаккул ва рушди давлатдории Салҷуқиён хизмати бузург намудааст. Ҳудуди давлати Салчуқиён дар нимаи дуюми асри XI аз баҳри Миёназамин то сарҳади Чин тӯл мекашид ва он давлати неруманди минтақа маҳсуб мeёфт. Дар густариши ҳудуди давлат ва рушди иқтисодии давлати Салҷуқиён хизмати вазири маъруфи ин давлат Низомулмулк ниҳоят муҳим ва калидист. Маҳз дар давраи вазирии Низомулмулк замони боло рафтани нуфузи сиёсӣ ва рушди босуръати иқтисодии Салҷуқиён ба мушоҳида мерасад.

Бояд қайд намуд, ки бештари сарчашмаҳои таърихии давраи мавриди таҳқиқи муаллифи рисолаи номзадӣ аз ҷониби олимони давлатҳои гуногун омӯхта шуда, нақши Низомулмулк низ аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин дар илми таърихнигории ватанӣ таҳқиқоте, ки саҳми Низомулмулкро дар давлатдории Салҷуқиён ба таври мушаххас ва муназзам дар асоси гурӯҳи васеи сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ таҳлил намуда бошад, то кунун вуҷуд надорад. Яке аз дастовардҳои илмии муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ тавонистааст дар рисолаи худ, дар баробари истифода аз таҳқиқоти олимони ватанӣ ва шӯравӣ, инчунин, аз осори пажӯҳишии донишмандони Эрон ва Афғонистон мақсаднок истифода намояд.

Мубрамияти масъалаи мавриди таҳқиқ ва аҳаммияти илмии он шубҳаеро ба миён намеорад ва дар қисмати муқаддимаи рисола аз тарафи муаллиф тавзеҳ ёфтааст. Ба назари муҳаққиқ, ки онро метавон тасдиқ кард, то имрӯз дар илми таърихнигории ватанӣ оид ба масъалаи муайян намудани саҳми Низомулмулк дар давлатдории Салҷуқиён таҳқиқоти маҷмӯӣ анҷом наёфтааст. Дигар масъалае, ки аҳамияти диссертатсияро бештар менамояд, аз он иборат аст, ки дар он муаллиф дар асоси ахбори осори зиёди таърихӣ саҳифаҳои ҳаёт ва фаъолияти Низомулмулкро ба таври васеъ тавзеҳ медиҳад.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот аз теъдоди зиёди сарчашмаҳои хаттии таърихӣ иборат мебошад, ки онро муаллиф шартан ба ду гурӯҳ тақсим намудааст: 1) асари Низомулмулки Тӯсӣ «Сиёсатнома»; 2) осори муаррихони асримиёнагии форс-тоҷик ва араб.

Бо мақсади инъикоси бештари нақши Низомулмулк дар умури идории давлати Салҷуқиён диссертант мақсад гузоштааст, ки бо истифода аз методҳои таърихият, объективият, таърихӣ-муқоисавӣ, бетарафӣ ва ғайра, маълумотҳои сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмиро таҳлили интиқодӣ намояд, ки ин аҳамияти илмии таҳқиқотро дучанд менамояд.

Матолиби дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарорёфта ва нақшаи мураттаб намуда барои диссертатсия аз малакаи эҷодӣ ва дарки мафоҳими

ахбори манобеи таърихии диссетант шаҳодат медиҳад.

Диссертатсияи номзадӣ аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. **Дар муқаддима** диссертант мубрам будани мавзӯи таҳқиқотро асоснок кардааст, сатҳи омӯзиши илмии онро нишон дода, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян намуда, предмет, объект ва асоси методологии таҳқиқотро нишон дода, пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқотро баррасӣ карда, чаҳорчӯбаи замони таҳқиқот, ҳудуди ҷуғрофӣ ва навоварии таҳқиқотро баён намудааст.

**Боби якуми диссертатсия** – «Низомулмулк ходими бузурги давлатӣ ва фарҳангӣ» унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. **Дар зербоби якум** – «Низомулмулк – ходими маъруфи ҷамъиятӣ ва сиёсии асри XI» диссертант давраи кӯдакӣ ва наврасии Низомулмулк, таҳсили ӯ дар марказҳои илмии Хуросон, Эрон ва Багдод, ба фаъолияти хизмати давлатӣ ҷалб шудани ӯ – аввал дар дарбори Ғазнавиён ва баъд дар ҳукумати ҳокими Балх, бо кӯшиши Низомулмулк соҳиби тоҷу тахт шудани Алпарслони Салҷуқӣ ва гайраро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Зимни баррасии аз ҷониби Алпарслон ба вазифаи вазир таъйин шудани Низомулмулк, диссертант соҳиби унвонҳои баланди давлатӣ гардидани ӯро таҳлил намудааст. Чунончи Алпарслон Низомулмулкро ҳамчун атобеки писараш – Маликшоҳ интихоб намуда, ба ӯ унвони илиқ ва атохоҷаро додааст, ки аз рутбаҳои баландтарини аҳди Салҷуқиён маҳсуб меёфт. Диссертант мухолифати Низомулмулкро бо Туғрулбек баррасӣ намуда, се сабабҳои асосии онро нишон додааст: мазҳабӣ, мухолифат дар атрофи вуҷуди халифа Қоим Биамриллоҳ (1031-1075) ва дар масъалаи ҷонишини Туғрулбек.

Дар зербоби якум, инчунин масъалаи иқтоъ ва иқтоъдорӣ таҳлил шудаанд. Бояд қайд намуд, ки диссертантислоҳоти дар ин самт гузаронидаи Низомулмулкро баррасӣ намуда, ҷиҳатҳои манфии институти иқтоъдориро баён намудааст, зеро маълум аст, ки бисёрии давлатҳои то ҳуҷуми муғул арзи вуҷуд намуда, маҳз дар натиҷаи ба дасти сарлашкарон ҳамчун иқтоъ гузаштани вилоятҳо ва саркашии онон аз ҳокимияти

марказӣ барҳам хӯрдаанд. Ин раванд дар давраи ҳукумати Салҷуқиён низ ҷараён дошт.

**Зербоби дуюми боби якум** – «Нақши Низомулмулк дар таъйини сиёсати дохилӣ ва хориҷии Салҷуқиён» унвон дошта, диссертант саҳми Низомулмулкро дар ба низом овардани сохтори идоракунӣ ва нақши ӯро дар кишваркушоиҳои Салҷуқиён мушаххас кардааст. Дар зербоби мазкур диссертант девонҳое, ки дар замони Салҷуқиён вуҷуд доштанд номбар намуда, рисолати онҳо ва тағйиротҳое, ки дар замони вазорати Низомулмулк дар сохтори идорӣ ба миён омад, таҳлил кардааст. Диссертант дар таҳқиқоти худ зикр мекунад, ки Низомулмулк дар идоракунии давлат ба анъанаи давлатдории Сосониён ва Сомониён такя намудааст. Дар ин зербоб нақши калидии Низомулмулк дар густариши ҳудуди давлати Салҷуқиён нишон дода шудааст. Аз ҷумла муаллиф бо иттико ба ахбори манобеи таърихӣ менависад, ки Низомулмулк тарафдори аз тарафи Салҷуқиён ишғол гардидани ҳудудҳои Ғазна, Синд, Туркистон, Чин, Яман, Мағриб ва ғайра буда, барои амалӣ намудани ин мақсад ба султон Маликшоҳ (1072-1092) доштани артиши 700 ҳазор нафарaро пешниҳод мекунад.

**Дар зербоби сеюми боби аввали диссертатсия** – ««Сиёсатнома»-и Низомулмулк дастури идории давлатдорӣ, сарчашмаи муҳими таърихӣ ва мероси гаронбаҳои фарҳангӣ», диссертант таърихи навишта шудани асари Низомулмулк – «Сиёсатнома» ва муҳтавои онро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Маликшоҳи Салҷуқӣ дар охирҳои ҳаёташ ба донишмандон пешниҳоди таълифи асаре оид ба усули давлатдориро мекунад ва Низомулмулк низ ба навиштани чунин асар пардохта, «Сиёсатнома»-и худро офаридааст. Бояд қайд намуд, ки «Сиёсатнома» сарчашмаи нодир оид ба омӯзиши сохтори давлатдории натанҳо Салҷуқиён, балки давлатдории сулолаҳои пешин низ маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, дар ин зербоби диссертатсия таърихи таълиф шудани “Сиёсатнома” ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, он ҳамчун дастур барои корҳои идоракунии давлатӣ арзёбӣ гардидааст. “Сиёсатнома” ба забони тоҷикӣ-форсӣ офарида

шудааст ва аввалин касе, ки ба муҳтавои он шиносӣ пайдо кард, султон Маликшоҳи Салҷуқӣ буд. Муаллиф ба ин далел такя намуда, менависад: “нахуст Маликшоҳи Салҷуқӣ бо забони тоҷикӣ-форсӣ ошноии комил доштааст ва дувум забони муоширати дарбори Салҷуқиён тоҷикӣ-форсӣ будааст”. Чун Низомулмулк ба таҷрибаи давлатдории Сосониён ва Сомониён ошноӣ дошт, бинобар ин дар «Сиёсатнома» ба ин усули давлатдорӣ арҷ ва афзалият дода шудааст. Диссертант бо такя ба маводи «Сиёсатнома»-и Низомулмулк низоми додгустурии султон, назорати муқтеъон, хусусияти манфӣ доштани лақабҳо, ки ба аксарияти дарбориён дода мешуд, тартиби лашкардорӣ, таъйини ҳокимони вилоятҳо ва ғайраро баррасӣ намудааст. Дар ин зербоб, инчунин воқеаҳои таърихие, ба монанди муносибати Яъқуби Лайси Саффорӣ бо халифаи Бағдод, наҳзати исмоилия дар замони Сомониён, зиддиятҳои дарбори Сомониён, мудохилаи Алптегин ба корҳои девондорӣ ва ғайраро ба риштаи таҳқиқ кашида, бо усули баррасии татбиқӣ дурустӣ ва ё носаҳҳехии ахбори Низомулмулкро бо дигар осори таърихии муаллифони асримиёнагӣ муайян кардааст.

**Боби дуюми диссертатсия** – «Низомияҳо – нахустин марказҳои таълимӣ ва илмӣ бо сохтори идории муназзам ва пешрафта» унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. **Дар зербоби якуми ин боб** – «Аз таърихи мадрасаҳои Хуросони Бузург ва фаъолияти онҳо» диссертант дар аввал ҳудуди Хуросони Бузургро муайян намуда, сипас аз таърихи пайдоиши аввалин мадрасаҳо дар ин минтақа маълумотҳо меоварад. Аз ҷумла зикр мешавад, ки аввалин мадраса дар Нишопур мадрасаи Байҳақия бо ташаббуси Иброҳим Иҷлии Байҳақӣ таъсис ёфтааст. Диссертант оид ба соли таъсисёбии ин мадраса маълумоте надода, ишора намудааст, ки ташаббускори таъсисёбии он Иброҳим Иҷлии Байҳақӣ соли 935 вафот мекунад. Дигар аз мадрасаи қадим соли 907 дар Бухоро бо ибтикори Исмоили Сомонӣ таъсис ёфтааст. Диссертант аз таърихи таъсиси мадрасаҳо дар қисмати ғарбии ҷаҳони ислом ёдоварӣ намудааст, ки куҳантарини онҳо соли 1137 дар шаҳри Искандария таъсис дода шудааст.

Бо баёни ин матолиб диссертант нишон додааст, ки ниёкони мо дар ташаккул ва такомули донишу маърифат дар қаламрави густурдаи давлатҳои исломӣ нақши бузург доштаанд. Дар зербоби мазкур диссертант ба ахбори муаллифони асримиёнагӣ такя намуда, оид ба мадрасаҳое, ки то таъсисёбии мадрасаҳои низомия дар Хуросону Мовароуннаҳр фаъолият доштанд, маълумоти мухтасар овардааст.

**Зербоби дуюми боби дуюм** – «Низомияи Бағдод бузургтарин маркази таълимию илмии замони худ» унвон дошта, дар он диссертант оид ба оғози сохтмони бинои мадрасаи Низомияи Бағдод (1064), ба истифода дода шудани он, ҳадафҳои Низомулмулк аз таъсиси ин мадраса, роҳбарият ва тарзи тадрис дар он маълумоти муҳим дода, масоили матраҳшударо таҳлил кардааст. Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва баррасиҳои диссертант яке аз ҳадафҳои асосии Низомулмулк аз таъсиси мадрасаи Низомия ин тарбият намудани кормандони давлатии баландихтисос аз ҳисоби суннимазҳабони эронитабор ва муборизаи ғоявӣ бо пайравони мазҳаби шиа, ба хусус бо давлати Фатимиёни Миср ва маркази таблиғотии онон – Ҷомеъ-ул-азҳар будааст. Аз зербоби мазкур бармеояд, ки роҳбарии мадрасаи Низомияи Бағдод ба таври расмӣ бар дӯши муассиси он, Низомулмулк буда, тибқи муқарраротии вақфнома пас аз марги вай ба дӯши фарзандонаш мегузаштааст.

Дар диссертатсия оид ба вазъи хуби мударрисон ва донишҷӯёни Низомияи Бағдод маълумот дода, муаллиф қайд мекунад, ки дар баъзе ҳолат барои ба даст овардани мансаби мудариси Низомия омилҳои ришвадиҳӣ низ вуҷуд доштааст.

Раванди тадриси дарсро дар Низомияи Бағдод баррасӣ намуда, диссертант менависад: «...устод ҳангоми дарс гуфтан хилъати муддарисиро, ки либоси сиёҳе буд, мепӯшид ва саллае бар сар мениҳод ва дар ҳоле ки ду ёрдамчӣ дар ду тарафи ӯ истода буданд, ба дарс ғуфтан мепардохт ва донишҷӯён дар назди курсӣ ба гуфтаҳои вай гӯш мекарданд». Дар ин бахш инчунин нақши Низомияи Бағдод дар тайёр намудани мутахассисони динӣ ва давлатӣ нишон дода шудааст.

**Дар зербоби сеюми боби дуюм** – «Мақоми низомияҳо дар таҳаввули низоми таълими асрҳои баъдӣ», диссертант таърихи таъсисёбии мадрасаҳои низомия дар шаҳрҳои қаламрави давлати Салчуқиён, ба монанди Нишопур, Исфаҳон, Марв, Балх, Омул, Басра, Харгурд, Мавсил ва ғайраро номбар карда, аз савонеҳи ҳоли мударрисон ва тарбиятгирандагони машҳури он баъзе маълумотҳо додааст, ки бисёр арзишмандaнд.

Дар зербоби мазкур диссертант натиҷаҳо аз таъсиси мадрасаҳои низомияро мавриди таҳқиқ карор дода, қайд менамояд, ки он ба ташаккули мазҳабҳо, бахусус мазҳаби шофеӣ мусоидат намудааст. Шофеимазҳабон бо истифода аз ниҳоди таблиғотии хеш, чун низомияҳо дар ин аҳд муборизаи ғоявиро бо пайравони мазҳаби шиа ва исмоилия тақвият доданд.

Ба назари муаллифи диссертатсия таъсис ва фаъолияти мадрасаҳои низомия ба рушди донишгоҳҳои аввалини Аврупо, ба монанди Балония, Мунпалия ва Оксфорд таъсири амиқ расонидаанд. Барои исботи ин назари худ муаллиф аз муҳаққиқони аврупоӣ, чун Алфред Гюм иқтибосҳо меорад. Диссертант, инчунин аз баъзе тарафҳои сохтор ва рисолати мадрасаҳои низомия интиқод карда, танҳо ба пайравони мазҳаби шофеӣ такя намудани онҳоро манфӣ арзёбӣ мекунад. Дигар омили манфие, ки дар мадрасаҳои низомия диссертант мебинад, ин мубориза бар зидди фалсафа, аз ҷумла муборизаи яке аз фаъолони низомияҳо Муҳаммади Ғаззолӣ бар зидди фалсафаи Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино мебошад.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ гардида, оид ба истифодабарии он тавсияҳо дода шудааст.

Ҳамин тавр, аз муҳтавои таҳқиқот бармеояд, ки диссертатсия ба дараҷаи баланди касбӣ навишта шуда, усули таҳқиқот, натиҷаҳои назариявии он, хулоса ва тавсияҳои аз тарафи диссертант пешниҳодшуда қобили дастгирӣ мебошанд. Муаллиф таҳқиқоти худро бо далелҳои мантиқӣ хулосагири кардааст.

Муассисаи пешбар чунин меҳисобад, ки диссертатсияи номзадии Садриддини Айниддин дар мавзӯи «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён» мавзӯи муҳими таҳқиқоти илмии таърихиро фаро гирифта, мустақилона навишта шуда, такмилшуда ҳисоб меёбад.

Автореферат фарогири муҳтавои диссертатсия буда, таҳқиқот аз зинаҳои зарурии апробатсия гузаштааст. Муқаррароти асосии диссертатсия дар 6 мақолаи ба нашр расонидаи муаллиф, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтааст.

Дар баробари дастовардҳои илмии ҳосилшуда диссертант баъзе масъалаҳоро ҳангоми таҳқиқи ин мавзӯъ сарфи назар намудааст. Аз ҷумла:

1. Дар зербоби якуми боби якум «Низомулмулк- ходими маъруфи ҷамъиятӣ ва сиёсии асри XI» муаллиф ба баёни савонеҳи ҳол ва фаъолиятҳои ҷамъиятию сиёсии Низомулмулк пардохта, омилҳои қатли ӯро низ баён мекунад. Хуб мешуд агар омилҳои қатли Низомулмулк дар зербоби алоҳида баррасӣ шуда, тамоми сарчашмаҳои дастрасгардида аз диди олимони соҳа таҳлил мегардид.

2. Дар қатори мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ки муаллиф дар баробари таҳқиқоти хеш гузоштааст, бояд омӯзиши таърихи давраи гузашта аз ҷониби Низомулмулк чун донандаи хуби таърих низ матраҳ мегардид. Зеро дар «Сиёсатнома» воқеаҳои таърихие баён шудаанд, ки дар дигар манобеи таърихӣ дида намешаванд, чунончи дар зимн диссертант аз сабабҳои барканор шудани Насри дуввуми Сомонӣ аз ҳукумат аз қавли Низомулмулк дар таҳқиқоти худ мисол овардааст.

3. Диссертант ҳарчанд ки дар баррасии мавзӯъ аз сарчашмаҳои таърихӣ фаровон истифода намудааст, аммо норасоии таҳлили татбиқӣ ба чашм мерасад.

4. Институти иқтадориро диссертант дар асоси маълумотҳои «Сиёсатнома» баррасӣ кардааст, ки онро Низомулмулк мусбат арзёбӣ мекунад. Аммо зарур буд, ки назари интиқодии муаллиф роҷеъ ба ин низоми идораи замин аз нигоҳи оқибатҳои он дар асоси дигар осори таърихӣ ва илмӣ бештар баён мешуд.

5. Бо вуҷуди он, ки матни рисола хеле таҳрир шуда, ҷумлаҳо аз нигоҳи мантиқ бо ҳам пайвастаанд, аммо боз ҳам матни он аз хатогиҳои услубӣ ва имлоӣ орӣ нест.

Эродҳои зикршуда қимати илмии таҳқиқотро коста намегардонанд ва рафъи онҳо дар оянда сифати илмии рисоларо бештар менамояд.

Диссертатсия мувофиқи талабот, меъёрҳо ва муқаррароти таъйиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, тахия шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Садриддини Айниддин «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён», дар сатҳи баланди илмӣ навишта шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад.

Тақризи расмӣ дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ ва ба тасвиб расид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳи: «ҷонибдор» - 14 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи №4 аз 26 ноябри соли 2020.

**Раискунанда: мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илми таърих** **Боқиев Рӯзибек Усмонович**

**Ташхисгар: профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Абдуллоев Маҳмуд Холович**

**Котиби ҷаласа, асисстенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Исмоилов Зафар**

**Имзоҳои Боқиев Р.У., Абдуллоев М.Х.,Исмоилов З.**

**«тасдиқ мекунам»**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Амиров Файзуллохӯҷа**

Суроғаи ҳуқуқӣ:

735340, ш. Кӯлоб, хиёбони С.Сафаров 16,
Тел: +992( 83322)2-35-06, 2-35-09.
Email info@kgu.ti, www. kgu.ti